# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11– Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод гардидааст.

Дар ҷомеаи муосир оила яке аз зинаҳои нахустини тарбия ва ташаккули ҷисмониву маънавии ҳамаҷонибаи шахс маҳсуб ёфта, пойдевори асосии ҷомеа ва рушди давлатро ташкил медиҳад.

Мақому мароми оила дар ҳамаи давру замон вобаста ба сохти ҷомеаю ҷомеадорӣ, давлату давлатдорӣ мухталиф ба ҳисоб меравад. Характери таърихӣ доштани оила аз он гувоҳӣ медиҳад, ки амали он давраи тӯлониро дорад ва ҳар кадоме аз он давраҳо нақши хосаи худро дар ташкилу таъмин ва пешрафти оила ва тарбияи маънавии узви оила мегузорад. Оила яке аз пажуҳишгоҳи хосаи иҷтимоӣ ва қисми таркибии дигар пажуҳишгоҳҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Ин ниҳоди ҷамъиятӣ ҳамчун муҳимтарин василаи тарбия ва ташаккули инсон таваҷҷуҳи олимону донишмандонро дар ҳамаи марҳалаҳои таърихи оилаю оиладорӣ ҷалб намудааст. Мутафаккирон то имрӯз ҷавҳари оиларо мувофиқи ақидаҳо, принсипҳо ва меъёрҳои замони худ таҳлил кардаанд.

Аммо, новобаста аз омӯзишу баррасии васеи масоили мазкур дар адабиёти илмӣ - таърихӣ хусусиятҳои асосии мавзуъ то ҳол дар илми тоҷик дар сатҳи зарурӣ ҳамчун аз лиҳози таҳқиқи иҷтимоӣ-фалсафӣ ба пуррагӣ кушода дода нашудааст. Аз ин сабаб, муаллифи рисола бо такя ба адабиёт ва сарчашмаҳои мавҷуда талош варзидааст, ки ба мантиқи ботинии он чи дар муносибатҳои ниҳоди оила ва чи дар муносибатҳои оилавӣ руй медиҳанд, ворид шуда, зарфият ва бартариятҳои муносибатҳои оилавиро дар давоми даҳсолаҳои охир таҳлил ва пайгирӣ намояд, нақши ниҳоди оиларо дар раванди эъмори давлат ва ҷомеаи солим нишон диҳад.

Бо чунин **муҳиммияти масъала** диссертатсияи Мамадҷонова М.Д. дар мавзуи “Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар даврони муосир (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)” аз мубрамияти хос бархурдор аст ва яке аз иқдомҳои муҳим арзёбӣ мешавад.

**Ҷанбаи асосии таҳқиқи ин масъала** фарогири мафҳум, моҳият ва нақши ниҳоди оила дар ҷомеаи гузашта ва имрӯз, арзишҳои иҷтимоӣ, оилавӣ, мавқеи ниҳоди оила дар бунёд, ҳифз, такрористеҳсолкунӣ ва рушди арзишҳои иҷтимоӣ, таъсири муносибатҳои нави иқтисодӣ ба моҳият ва сохтори муносибатҳои оилавӣ ва шаклҳои ҳозиразамони ташкили оила ва никоҳ дар

ҷомеаи тоҷикистонӣ буда, дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ илман асоснок шудааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ бо исботи мавқеи назариявии худ маҳдуд нашуда, балки таҳқиқи масоили пайдоиш, рушди оила, бунёди он ва ҳикмати оиладориро бо асноди андешаҳои арзишманди файласуфони гузаштаву имрӯза ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашидааст. Нуктаи ҷолиби таълифи рисола дар он зуҳур меёбад, ки муаллиф бо мақсади муайян намудани афкору андешаи аҳли ҷомеа нисбати оила ва оиладорӣ аз усули тадқиқоти сотсиологӣ корбурд ва иқтибосҳо овардааст.

Ба андешаи муаллиф падидаҳои харобиоваре, ки дар ҷомеаи мо мушоҳида мешаванд, дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта низ васеъ паҳн шудаанд. Аз ин рӯ, ҳузури онҳоро танҳо бо таҳаввулоти бӯҳронии иқтисодиву иҷтимоии солҳои охир шарҳ додан хатост. Шубҳае нест, ки бӯҳронро тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз сар мегузаронад ва бо тағйирот дар самтгириҳои арзишии инсон алоқаманд аст, вақте ки мазмуни маънавии ҳаёт бо ҷустуҷӯи сарватҳои моддӣ, дастовардҳо ва лаззатҳо иваз мешавад.

Муҳаққиқ Мамадҷонова М.Д. ба он андеша аст, ки нақши пештараи анъанавии никоҳ ва оила дар сохтори тамоюлҳои ахлоқӣ-маънавии фард низ аз байн рафта, тамоюлҳои наве, ки проблемаҳои солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва маънавии инсонро бомуваффақият бояд ҳал кунанд, ҳанӯз пайдо нашудаанд. Ҳеҷ кадоме аз ниҳодҳои маъруфи давлатӣ ва ҷамъиятӣ он чизеро, ки то ибтидои асри XX рисолати оиларо бар зимма медошт, иҷро карда наметавонанд. Танҳо оила метавонад устувории инсонро дар ҷаҳони зудтағйирёбанда ва ноустувор кафолат диҳад.

Ниҳоди оила то имрӯз барои ташаккули дурусти вазифаҳои асосии инсон хизмат намуда, ҳамчун манбаи азхуд намудани малака ва қобилияти муайяни меҳнатии шахс мутобиқати бомуваффақияти ӯро ба талаботу нигарониҳои ҷомеа кафолат медиҳад.

Дар баробари ин, муаллиф омӯзиши ниҳоди оила, мавқеъ ва нақши он дар ҳаёти шахс ва ҷомеа дар даврони муосирро бо сабабҳои зерин муҳим мешуморад: таърихи рушди инсоният нишон медиҳад, ки то ҳол ягон ҷомеа бе оила ҳамчун танзимгари тартиботи мушаххаси иҷтимоии ҷомеа амал карда наметавонист ва наметавонад; оила ягона ниҳоди иҷтимоии беназир дар "истеҳсол" ва тарбияи инсон буда, ҳамчун интиқолдиҳандаи иттилооти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, этникӣ баромад мекунад ва дар оянда низ бо вуҷуди тағйироти куллӣ ин вазифаҳои худро аз даст намедиҳад; ба монанди оила ягон ниҳоди дигари ҷамъиятӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ имрӯз масъалаи танҳоии равонии одами муосирро пурра ҳал карда наметавонад.

Таҳлил, баррасӣ ва натиҷагирии чунин тарзи баён шаҳодати он аст, ки диссертант аз сарчашмаҳои асосии ин масоил ошно аст ва ҳамаи онҳоро дар мавридҳои зарурӣ истифода мебарад.

Диссертант **асосҳои методологӣ, навгониҳои диссертатсия** ва масоили ба дифоъ манзуршавандаро ба таври дилхоҳ ва зарурӣ дар сарсухан инъикос намудааст, ки мухтавои рисола аз истифодаи бамаврид ва дурусти онҳо дарак медиҳад. Дар ҳар ду боби рисола саҳеҳии истифодаи ҷиҳатҳои зикршуда ва хулосабарориҳои дурусту мантиқӣ ба назар мерасанд. Дар хулосаи он масъалаҳои матраҳшуда натиҷагирӣ ёфтаанд, ки аҳамияти муҳимми назариявию методологӣ ва амалиро касб менамоянд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки моделҳои асосии назариявии оила, ба мисли натуралистӣ (тотаърихӣ), фарҳангӣ (таърихӣ-фарҳангӣ-этникӣ), глобалистӣ (дар фазои иҷтимоии асрҳои XX-XXI дар натиҷаи ба ҳам пайвастани равандҳои мураккаби тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар оилаи таърихӣ ташаккул ёфтааст) шаклбандӣ шуда, хусусиятҳои маҳаллӣ, минтақавии рушди фарҳангии халқҳои гуногун муайян гардидаанд, ки ҳар яке аз онҳо ба зинанизоми арзишҳои мушаххас нигаронида шудааст. **Навгонии дигар**и кор аз он иборат аст, ки консепсияи муаллифии ниҳоди оила коркард ва пешниҳод шудааст, ки тибқи он оила яке аз навъҳои танзими самарабахши иҷтимоӣ, нишондиҳандаи устуворӣ ва пойдории низоми муносибатҳои муосири иҷтимоӣ, асоси ягонагии иҷтимоии ҷомеа муайян шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ**и довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ асосҳои назариявии ниҳоди оиларо дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ мустақилона таҳқиқ кардааст. Дар доираи омӯзиши назарияҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин манбаъҳо, адабиёти илмӣ, расмию оморӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғайра муаллиф таърифи нави ниҳоди оиларо пешниҳод карда, навъҳои оила, омилҳои пошхӯрии оила ва роҳҳои пешгирии онҳоро нишон додааст. Аз ҷониби ӯ маводи зиёди ватаниву хориҷӣ истифода шуда, вобаста ба мавзуъ 5 мақолаи илмиаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА чоп гардидааст. Инчунин дар конференсияҳои ҷумҳуриявию донишгоҳӣ иштирок намуда, маърӯзаҳои илмӣ намудааст.

Аз ин сабаб, рисолаи диссертатсионии унвонҷӯро метавон фарогири навгониҳои назарраси илмӣ, таҳқиқоти анҷомшуда ва дар маҷмуъ, ба натиҷаҳо ва хулосаҳои зарурӣ муваффақшуда маънидод намудан мумкин аст.

Рисола ба таври мантиқӣ баён гардидааст ва маводи таҳқиқоти илмӣ ба таври амиқ таҳлил карда шудаанд. Ҳамаи натиҷаҳо хулосагирӣ шуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки онҳо дорои аҳамияти илмию амалиро соҳиб мебошанд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ ба нашр расидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

Муаллиф аз худ дониши амиқ ва маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилро нишон дода, қобилияти хосае барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилонаи илмиро зоҳир намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна дар мавзуи «Нақши ниҳоди оила дар ташаккули арзишҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар давраи гузариш: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ" ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ, Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияи ҳимояшуда", ки аз 30 июни соли 2021, №267 зикр гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва мазмуну муҳтавои он ба ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
сардори маркази иттилоот ва таҳлили
раёсати МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳодибоев Ф.А.

Имзои Ф.А.Ҳодибоевро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ МДТ-и «ДДХ ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова 1.
Телефон: (+992-3422) 6-52-73, факс: (992-3422) 6-75-18
www.hgu.tg, e-mail: rektor@ hgu.tg

"14" октябри соли 2023